# ҚАРОРИ
# ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# №10

**аз 23 декабри соли 2011** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба татбиқи қонунгузорие, ки иштироки ҷабрдидаро дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ба танзим медарорад**

Бо мақсади таъмини дуруст ва якхелаи татбиқи меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, ки иштироки ҷабрдидаро дар пешбурди мурофиаи судӣ ба танзим медароранд, инчунин таъмини ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ҷабрдида аз ҷониби судҳо, дар асоси моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

## Қ А Р О Р  К А Р Д:

1. Диққати суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки риояи қатъии меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, ки иштироки ҷабрдидаро дар пешбурди мурофиаи судӣ ба танзим медароранд, кафолати муҳими баамалбарории ҳуқуқҳои конститутсионии шахси аз ҷиноят зарардида буда, барои қабули қарори қонунӣ, асоснок ва одилона мусоидат менамояд.

2.Тибқи талаботи моддаи 42-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМҶ) ҷабрдида шахсест, ки ба ӯ бо ҷинояти содиршуда зарари ҷисмонӣ, моддӣ ё маънавӣ, ё ин ки шахси ҳуқуқие эътироф шуда метавонад, ки аз ҷиноят зарари моддӣ ё маънавӣ, ё ба шаъну эътибори касбии ӯ зарар расонида шудааст. Шахсе, ки аз ҷиноят зарар дидааст, инчунин ҳуқуқу манфиатҳои ӯ зери таҳдиди бевоситаи сӯиқасд ба ҷиноят қарор гирифтааст, сарфи назар аз синну сол, ҳолати рӯҳӣ ва ҷисмонӣ ё дигар маълумотҳо доир ба шахсияташ, ҷабрдида эътироф карда мешавад.

Ҷабрдида дар мурофиаи судӣ дорои манфиатҳои шахсии худ мебошад, ки барои ҳимояи онҳо аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё суд ҳамчун шахси иштирокчии пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ эътироф гардидааст.

3.Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки зарар ба ҷабрдида ҳам бо ҷиноят, ҳам бо кирдори бо қонуни ҷиноятӣ манъкардашуда, ки шахс дар ҳолати номукаллафӣ содир намудааст, расонида мешавад. Дар сурате, агар ҷиноят хотиманаёфта бошад (тайёрӣ ба ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин, ё ин ки сӯиқасд ба содир намудани ҷиноят), суд ҳангоми ҳаллу фасли масъала оид ба ҷабрдида эътироф намудан, бояд муайян намояд, ки зарари ба шахс расонидашуда дар чӣ ифода ёфтааст. Ҳамзамон, имконияти ба чунин шахс расонидани зарари маънавӣ дар ҳолате, ки ҷинояти хотиманаёфта муқобили шахси аниқ равона карда шудааст, истисно карда намешавад.

4. Шахсе, ки ба ӯ дар натиҷаи содир кардани ҷиноят зарар расонида шудааст, аз лаҳзаи қабули қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, қарор (таъиноти) суд, судя дар бораи ҷабрдида эътироф намудан, дорои ҳуқуқу ӯҳдадориҳои пешбининамудаи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ мегардад. Бояд дар назар дошт, ки мавқеи ҳуқуқии шахс ҳамчун ҷабрдида вобаста ба вазъи воқеии ӯ муқаррар карда, танҳо ба тариқи мурофиавӣ бо қарор (таъинот) ба расмият даровarда мешавад.

Шахсро дар асоси аризааш, ҳамчунин бо ташаббуси мақомоте, ки дар пешбурди он парвандаи ҷиноятӣ қарор дорад, ҷабрдида эътироф кардан мумкин аст. Шахсе, ки ҷабрдида

эътироф карданаш рад карда шудааст, метавонад дар ин бора ё ин ки аз амал (беамалӣ) ва қарорҳои таҳқиқбаранда, муфаттиш ба прокурор ё суд, шикоят кунад.

Агар аз рӯи парвандаи ҷиноятии ба суд воридгардида муайян гардад, ки ба шахс бо ҷиноят зарар расонида шуда, вале аз рӯи парванда ҷабрдида эътироф карда нашудааст, суд метавонад ӯро ҷабрдида эътироф намуда, дар ин бора ӯро огоҳ карда, ҳуқуқу ӯҳдадориҳояшро фаҳмонида, имконияти бо тамоми маводи парванда шинос шуданро таъмин намояд.

Дар қарор (таъинот)-и ҷабрдида эътироф намудани шахс бояд дарҷ карда шавад, ки ба ӯ бо кадом ҳаракатҳо, кадом намуди зарар аз ҷумла, ҷисмонӣ, моддӣ, маънавӣ ё шаъну эътибори касбӣ расонида шудааст.

5. Дар сурате, агар аз рӯи парвандаи ба суд воридгардида муайян карда шавад, ки шахс бе асосҳои кофии дар моддаи 42 КМҶ пешбинишуда ҷабрдида эътироф гаштааст, суд, судя дар бораи он ки шахс саҳван ҷабрдида эътироф карда шудааст, қарор (таъинот) мебарорад. Ба охирин ҳуқуқи пешниҳод намудани шикояти кассатсиониро (хусусӣ) нисбати санади судии қабулкарда фаҳмонда медиҳад, зеро бо он ҳуқуқи конститутсионии шахс оид ба таъмини адолати судӣ халалдор карда мешавад. Бо ҳолати номбурда нисбати қарори (таъинот)-и суд, судя шикояти хусусӣ овардан барои боздоштани пешбурди парванда асос шуда наметавонад.

6. Бо дарназардошти он ки ҷабрдида шахси воқеӣ эътироф карда мешавад ва ба ӯ бо ҷиноят зарари ҷисмонӣ, моддӣ ё маънавӣ расонида шудааст, тамоми шахсони дигар аз ҷумла, хешу таборони наздики ҷабрдида, ки ба ҳуқуқу манфиатҳои онҳо ҷиноят бевосита равона карда нашудааст, тибқи қоидаҳои умумӣ имконияти мурофиавӣ оид ба ҳимояро доро намегарданд. Ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии чунин шахсон дар натиҷаи барқарор кардани ҳуқуқи шахси аз ҷиноят ҷабрдида ба амал бароварда мешавад.

Аз рӯи парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба ҷиноятҳое, ки оқибати онҳо боиси марги ҷабрдида гардидааст, ҳуқуқҳои ҷабрдида ба яке аз хешовандони наздики ӯ мегузарад (қисми 6-и моддаи 42 КМҶ ).

Мутобиқи банди 25-и моддаи 6 КМҶ ба гурӯҳи хешовандони наздик падару модар, фарзандон, фарзандхондагон, фарзандхондашудагон, бародарон ва хоҳарон, бобо, бибӣ (модаркалон), набера, инчунин ҳамсар дохил мешаванд.

Номгӯи ин шахсон ниҳоӣ буда, дигар хешовандони шахси фавтида, инчунин шахсони дигар (масалан, ҳамсояҳо, шиносҳои фавтида) наметавонанд ҷабрдида эътироф карда шаванд.

Агар ҷиноят ҳуқуқу манфиатҳои қонунии якчанд нафарро, ки хешовандони наздики шахси фавтида мебошанд, халалдор сохта бошад ва онҳо ҳимояи ҳуқуқи ҷабридаро талаб намоянд, шахсони мазкур метавонанд аз ҷониби суд бо асоснок кардани чунин қарор ҷабрдида эътироф карда шаванд.

7. Дар сурате, агар ҷабрдида шахси ҳуқуқӣ эътироф шуда бошад, ҳуқуқу вазифаҳои ӯро дар суд мутобиқи моддаи 42 КМҶ намоянда, ки салоҳияташ бо ваколатнома, агар манфиатҳои шахси ҳуқуқиро ҳимоятгар намояндагӣ кунад, бо ордер (иҷозатнома), ки ба тариқи дахлдор ба расмият дароварда, тасдиқ карда шудааст, ба амал мебароранд. Мавриди дар мурофиаи судӣ иштирок кардани роҳбари корхона, муассиса (ташкилот) салоҳияти ӯ бояд бо ваколатномаи дахлдор ва дигар ҳуҷҷатҳо тасдиқ карда шаванд.

8. Намояндаи ҷабрдида, даъвогари гражданӣ ва айбдоркунандаи хусусӣ на танҳо ҳимоятгарон, балки дигар шахсоне (масалан, намояндагони иттифоқи касаба, раиси маҳалла, хешу табор, ҳамкор, рафиқи наздик, намояндаи деҳа, намояндаи ташкилоти ҷамъиятӣ ва ғайра) низ шуда метавонанд, ки ба ақидаи шахсони иштирокчии пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ метавонанд ба онҳо кӯмаки касбии ҳуқуқӣ расонанд. Салоҳияти чунин шахсон бо ваколатномаи тибқи моддаи 55 Кодекси мурофиавии гражданӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровардашуда ё дар асоси аризаи ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, айбдоркунандаи хусусӣ, ки дар мурофиаи судӣ пешниҳод шудааст, тасдиқ мегардад. Суд, судя қарор (таъинот) дар бораи иҷозати иштироки намояндаро бо назардошти шахсияташ қабул намуда, бояд боварӣ ҳосил намояд, ки ҳолатҳои истиснокунандаи иштироки ӯ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ аз рӯи парвандаи ҷиноятӣ вуҷуд надоранд.

9. Дар ҳолате, агар ҷабрдида бинобар ноболиғӣ ва ё камбудиҳои ҷисмонию рӯҳӣ доштанаш ҳуқуқу манфиатҳои қонунии худро мустақилона ҳимоя карда натавонад, тибқи қисми 2–и моддаи 45 КМҶ ҳатман намояндаи қонунии ӯ ё намоянда барои иштирок дар парвандаи ҷиноятӣ ҷалб карда мешавад. Агар асос ба миён ояд, ки намояндаи қонунии ҷабрдидаи ноболиғ зидди манфиатҳои ӯ амал менамояд, суд, судя дар бораи дур кардани шахси мазкур аз иштирок дар парванда қарор (таъинот) қабул намуда, тартиби пешниҳоди шикоятро нисбати қарор (таъинот) фаҳмонида, бобати ба ҳайси намояндаи қонунии ноболиғ таъин кардани шахси дигар ё намояндаи мақомоти васоят ва парасторӣ чораҳо меандешад.

Суд, судя ҳангоми баррасии масъалаи ба мурофиаи судӣ даъват намудани намояндаи қонунии ҷабрдидаи ноболиғ, бояд номгӯи шахсоне, ки тибқи банди 10-и моддаи 6 КМҶ метавонанд намояндаи қонунӣ эътироф гарданд, ба асос гирад.

Ҳамзамон, бояд дар назар дошт, ки ваколати намояндаи қонунии ҷабрдидаи ноболиғ дар баррасии судӣ ҳангоми ба синни 18 солагӣ расидани охирин қатъ мегардад, ба истиснои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсоне, ки бинобар камбудиҳои ҷисмонӣ ва рӯҳии худ аз имконияти мустақилона ҳимоя кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонуниашон маҳруманд.

Агар ҷабрдидаи ноболиғ падару модар надошта бошаду танҳо ё бо шахсе, ки хешованди ӯ намебошад ва ба тариқи дахлдор васӣ ё парастор таъин нашудааст зиндагӣ кунад, он гоҳ ба ҳайси намояндаи қонунии ӯ ҷиҳати иштирок дар пешбурди парванда, аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд намояндаи мақомоти васӣ ва парасторӣ даъват карда мешавад.

Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки ҳуқуқ ва вазифаҳои ҷабрдида, намояндаи қонунӣ ва намояндаи ӯ дар моддаи 42 КМҶ дарҷ шудаанд.

10. Ба ҷабрдида, даъвогари гражданӣ ва дигар шахсони иштирокчии мурофиаи судии ҷиноятӣ, ки забони пешбурди парвандаи ҷиноятиро намедонанд, ҳуқуқи арз кардан, баёнот ва нишондод додан, дархост пешниҳод намудан, шикоят овардан, бо маводи парвандаи ҷиноятӣ шинос шудан, дар мурофиаи судӣ бо забони модарӣ ё дигар забоне, ки медонанд баромад кардан, инчунин аз кӯмаки тарҷумон ройгон истифода бурдан ва ғайра фаҳмонида дода мешавад.

Ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ, ки ба ҷабрдида, даъвогари гражданӣ ё намояндаи онҳо дода мешаванд, бояд бо забони давлатӣ ё забоне, ки онҳо медонанд, тарҷума шуда бошанд.

11.Бо назардошти принсипи мубоҳиса ва баробарии тарафҳо (моддаи 20 КМҶ) ҷабрдида ҷиҳати пешниҳод кардани изҳори дархост ё раддия, пешниҳод намудани далелҳо, иштирок дар таҳлили онҳо, баромад кардан дар музокираи судӣ, пешниҳод намудани тавсияи хаттӣ аз рӯи масъалаҳое, ки дар бандҳои 1-6-и қисми 1-и моддаи 335 КМҶ қайд шудаанд, инчунин ҳалли дигар масъалаҳое, ки дар рафти мурофиаи судӣ ба миён меоянд, бо тарафҳо ҳуқуқи баробар доранд.

Бояд ба ҷабрдида, намояндаи қонунӣ, намояндаи ӯ, имконият дода шавад, ки дар тамоми марҳилаҳои пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ иштирок намуда, ба маълумоти суд мавқеи худро доир ба парванда ва он ваҷҳҳоеро, ки зарур мешуморад, пешниҳод намояд.

Ҳамзамон, суд, судя ваҷҳҳои ҷабрдидаро, ки ба ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ӯ дахл доранд, ба инобат гирифта, ҳангоми қабули қарор ба онҳо бояд баҳои ҳуқуқӣ диҳад.

Бо мақсади муҳайё кардани шароити зарурӣ барои иҷрои ӯҳдадориҳои мурофиавӣ ва ба амал баровардани ҳуқуқҳои ба ҷабрдида додашуда, суд, судя бо дархости тарафҳо ҳуқуқ дорад, тибқи муқаррароти моддаҳои 20 ва 86-и КМҶ ба ҷабрдида барои ҷамъ овардани далелҳо (гирифтани ҳуҷҷатҳо, талаб карда гирифтани маълумотномаҳо ва ғайра) чораҳо андешанд.

12.Ҷабрдида, намояндаи қонунӣ, намояндаи ӯ, инчунин даъвогари гражданӣ ва намояндаи ӯ тибқи талаботи моддаҳои 42, 44, 45 КМҶ ҳуқуқ доранд, дар тамоми мурофиаҳои судӣ вобаста ба баррасии парвандаи ҷиноятӣ барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии худ иштирок намоянд.

Бо ин мақсад раисикунанда вазифадор аст, ки онҳоро дар бораи рӯз, вақт ва ҷойи барпо гардидани мурофиаи судӣ огоҳ созад, инчунин дар сурати мавқуф гузоштани баррасии парванда ба шахсони номбурда ҳуқуқи иштироки онҳоро дар мурофиаҳои минбаъдаи судӣ ва

оқибати даст кашиданро аз истифодаи ин ҳуқуқ фаҳмонида диҳад ва ин бояд дар протоколи маҷлиси судӣ дарҷ гардад.

Иштирок накардани шахсони мазкур дар мурофиаҳои минбаъдаи судӣ пас аз мавқуф гузоштани баррасии парванда бояд хусусияти ихтиёрӣ дошта бошад.

13.Тибқи талаботи моддаи 16-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» ҷабрдида, намояндаи қонунӣ ва намояндаи ӯ, ҳуқуқ доранд дархост оид ба татбиқ намудани чораҳои амниятӣ пешниҳод кунанд. Чунин дархост метавонад дар тамоми марҳилаҳои пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ пешниҳод гардад. Ин ҳуқуқ бояд ба онҳо аз ҷониби шахси мансабдоре, ки дар пешбурди ӯ парвандаи ҷиноятӣ қарор дорад, фаҳмонида дода шавад.

Қарор (таъинот) оид ба татбиқи ҳимояи давлатӣ аз тарафи сардори воҳиди таҳқиқ ё муфаттиш, прокурор, суд, судя, ки дар пешбурди онҳо ариза (маълумот) оид ба ҷиноят ё парвандаи ҷиноятӣ қарор доранд, қабул карда мешавад.

Сардори воҳиди таҳқиқ ё муфаттиш, прокурор, суд, судя, зимни гирифтани ариза (маълумот) оид ба таҳдиди куштори ҷабрдида, намояндаи қонунӣ ва намояндаи ӯ, истифодаи зӯроварӣ нисбат ба онҳо, несту нобуд ё вайрон кардани молу мулкашон ё кирдори дигари зиддиҳуқуқии хавфнок ӯҳдадоранд ин аризаро (маълумотро) тафтиш намоянд ва дар мӯҳлати се шабонарӯз (дар ҳолатҳои таъхирнопазир-фавран) оид ба татбиқи чораҳои амниятӣ нисбат ба онҳо  ё рад намудани татбиқи онҳо қарори (таъиноти) асоснок қабул намоянд. Қарор (таъинот) оид ба татбиқи ҳимояи давлатӣ дар рӯзи қабул гардиданаш барои иҷро ба мақоми татбиқкунандаи чораҳои амниятӣ, инчунин ба шахсе, ки нисбати ӯ қарори (таъиноти) мазкур бароварда шудааст, барои маълумот фиристода мешавад.

Суд, судя дар ҳолати таҳияи ҳукм оид ба парвандаи ҷиноятӣ дар бораи бекор кардани чораҳои амниятӣ ё татбиқи минбаъдаи чораҳои мазкур қарор (таъинот) мебарорад.

14. Бо дарназардошти муқаррароти моддаи 328 КМҶ раисикунанда пайдарҳамии баромади иштироккунандагони музокираи судиро тибқи пешниҳоди онҳо муайян намуда, шахсони мазкурро дар бораи рӯз, вақт ва ҷойи барпо гардидани музокираи судӣ огоҳ карда, инчунин тибқи хоҳишашон имконияти дар музокираи судӣ баромад карданро таъмин намояд, ба истиснои ҳолатҳое, ки ҷабрдида аз иштирок дар мурофиаи судӣ даст кашида бошад.

15. Бо назардошти банди 2-и моддаи 273  КМҶ суд, судя ҳангоми таъини маҷлиси судӣ ва омодагӣ ба он, бо ҷиноятҳои муқобили озодӣ, обрӯ ва эътибори шахсият, муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ алоқамандбуда, вақте ки баррасии парванда метавонад боиси паҳн гардидани маълумот дар бораи паҳлӯҳои  маҳрамонаи ҳаёти ҷабрдида гардад ё шаъну эътибори ӯро паст занад, инчунин, агар инро манфиати таъмин кардани бехатарии ҷабрдида, хешовандони наздики ӯ ва ё  шахсони наздик талаб намояд, бояд масъалаи дар мурофиаи пӯшидаи судӣ баррасӣ намудани парвандаро ҳал намуда,  асосҳои  қабули чунин қарорро дарҷ намояд.

Тибқи қисми 3-и моддаи 316 КМҶ бо мақсади ҳимояи ҳуқуқи ҷабрдидаи ноболиғ, дар асоси дархости тарафҳо, инчунин бо ташаббуси суд пурсиши ӯ метавонад дар ғоибии судшаванда сурат гирад, ки суд, судя дар ин бора қарор (таъинот) қабул мекунад.

Ҳангоми баргардонидани судшаванда ба толори мурофиаи судӣ ба ӯ бояд нишондоди ҷабрдида эълон карда, имконият дода шавад, ки бобати он ба ҷабрдида саволҳо диҳад.

16.Намояндаи ҷабрдида, даъвогари граждан ӣ ва ё ҷавобгари гражданӣ ҳуқуқ надоранд дар баррасии парвандаи ҷиноятӣ иштирок кунанд:

- агар қаблан дар парванда ба сифати судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда, котиби маҷлиси судӣ, шоҳид, коршинос, мутахассис, тарҷумон ё шахси холис иштирок карда бошанд;

- бо судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда ё котиби маҷлиси судӣ, ки дар тафтиш ё баррасии судии ҳамин парванда иштирок мекунанд ё бо шахси манфиаташ ба манфиати иштирокчиёни мурофиаи бо ӯ дар бораи расонидани ёрии ҳуқуқӣ созишнома баста мухолифанд, муносибатҳои хешутаборӣ дошта бошанд;

- ба шахсе, ки манфиаташ ба манфиати айбдоршаванда ё гумонбаршудаи аз ҷониби ӯ ҳимояшаванда ё ҷабрдида, даъвогари гражданӣ ва ҷавобгари гражданӣ, ки онҳоро намояндагӣ мекунад, мухолиф аст, ёрии ҳуқуқӣ мерасонад ё қаблан ёрӣ расонидааст.

Тибқи талаботи қисми 2-и моддаи 71 КМҶ масъалаи рад кардани ҳимоятгар, намояндаи ҷабрдида, даъвогари гражданӣ ё ҷавобгари гражданӣ бо тартиби пешбининамудаи қисми 5-и моддаи 68 Кодекси мазкур ҳал карда мешавад.

17.Аз ҷониби суд, судя таъмин кардани иҷрои ӯҳдадориҳои ҷабрдида аз ҷумла, тибқи даъватнома ба суд ҳозир шудан ва нишондодҳои дуруст додан, барои пурра ва ҳаматарафа муайян кардани ҳолатҳое, ки ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ва баровардани қарори қонунӣ, асоснок ва одилонаи судӣ бояд исбот карда шаванд, мусоидат менамояд.

Ҳангоми бе сабабҳои узрнок ҳозир нашудани ҷабрдида ё саркашӣ кардан аз ҳозир шудан ба мурофиаи судӣ, дар сурате, агар иштироки ҷабрдида дар баррасии парванда ҳатмӣ дониста шудааст, мумкин аст ӯ бо тартиби пешбининамудаи моддаи 115 КМҶ ба тариқи маҷбурӣ ба суд оварда шавад ё дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи 117 КМҶ ба ӯ ҷарима таъин карда шавад.

18. Мутобиқи муқаррароти қисми 1-и моддаи 44 КМҶ ҷабрдидае, ки дар бораи рӯёнидани зарари молу мулкӣ, ё ҷуброни зарари маънавии бо ҷиноят расонидашуда даъво пешниҳод кардааст, даъвогари гражданӣ эътироф карда мешавад. Дар бораи даъвогари гражданӣ эътироф намудан аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор қарор ва аз ҷониби суд, судя қарор ё таъинот қабул карда мешавад. Масъалаи андозаи зарари моддии ба ҷабрдида расонидашударо мавриди баррасӣ қарор дода, суд, судя бояд вазъи молу мулкии ҷабрдида, аз ҷумла, андозаи маош, нафақа, дигар даромадҳо, мавҷуд будани шахсони муҳтоҷи нигоҳубини ӯ, даромади маҷмӯи аҳли оилааш ва ғайраро ба инобат гирад.

19. Дар ҳолати тасарруф, вайрон ё несту нобуд гардидани молу мулк, дигар арзишҳои моддӣ, ки дар соҳибии шахсе, ки молики онҳо намебошад қарор доранд (масалан, иҷорагир, нигоҳдоранда) даъвои гражданӣ аз ҷониби молик ё соҳиби қонунии онҳо дар сурате пешниҳод карда мешавад, ки агар шахси мазкур тибқи меъёрҳои қонунгузории гражданӣ ҳуқуқи рӯёнидани зарари расонидашударо доро бошад.

Агар зарар ба молу мулке расонида шуда бошад, ки ба соҳибият, истифодабарӣ ва идоракунии корхона, ташкилот ё муассиса тааллуқ дорад, он гоҳ чунин корхона, ташкилот ё муассиса ҷабрдида эътироф карда мешавад.

Барои ҳимояи манфиатҳои ноболиғон, инчунин шахсоне, ки бо тартиби муқарраргардида ғайриқобили амал эътироф шудаанд, даъвои гражданӣ метавонад аз тарафи намояндагони қонунии онҳо пешниҳод карда шавад.

20. Ҳангоми муайян кардани ҳолате, ки аз ҷониби мақомоти тафтиши пешакӣ ба ҷабрдида ҳуқуқҳояш бобати пешниҳод намудани даъвои гражданӣ фаҳмонида дода нашудааст, суд, судя, бояд вайронкунии мазкурро бартараф сохта, ба ҷабрдида ҳуқуқҳояшро фаҳмонида, дар сурати мавҷуд будани асос чораҳоро баҳри таъмини даъвои гражданӣ андешад.

21. Андозаи зарари молу мулкӣ бо назардошти арзишаш, ки дар лаҳзаи қабули қарор аз рӯи даъвои пешниҳодгардида муайян карда шудааст, рӯёнида мешавад. Андозаи маблағи ҷуброни зарари расонидашуда, ки бояд ситонида шавад, бо назардошти беқурбшавӣ (индексатсия) ба тариқи иҷроиши ҳукм набояд зиёд карда шавад. Аризаи даъвогӣ бобати беқурбшавӣ (индексатсия) аз ҷониби суд ба тариқи пешбурди мурофиаи суди гражданӣ баррасӣ карда мешавад.

Суд, судя масъалаи рӯёнидани андозаи ҷуброни зарари маънавиро, ки ба ҷабрдида расонида шудааст, бояд бо дарназардошти муқаррароти Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КГ) баррасӣ намояд. Дар сурати бо ҳаракатҳои ҷиноятии якчанд шахс расонидани зарари моддӣ, он ба тариқи муштарак ё ҳиссавӣ ситонида мешавад.

Хусусияти хоси азобу шиканҷаи ҷисмонию маънавӣ аз ҷониби суд бо назардошти ҳолатҳои воқеие, ки ҳангоми онҳо зарари маънавӣ расонида шудааст, рафтори судшаванда бевосита пас аз содир намудани ҷиноят (масалан, расонидан ё нарасонидани кӯмак ба ҷабрдида), хусусиятҳои хоси фардии ҷабрдида (синну сол, вазъи саломатӣ, рафтори ӯ дар

лаҳзаи содир шудани ҷиноят ва ғайра), инчунин дигар ҳолатҳо (масалан, аз тарафи ҷабрдида аз даст додани ҷойи кор) муайян карда мешавад.

22. Аз рӯи даъвои граждание, ки бо парвандаи ҷиноятӣ пешниҳод гардидааст, суд, судя бояд оид ба пурра ё қисман қонеъ гардонидани он қарор қабул намояд. Тибқи муқаррароти моддаҳои 335 ва 347 КМҶ қарор ҳангоми баровардани ҳукм ё дигар қарори ниҳоии судӣ қабул карда мешавад.

Дар сурати ба миён омадани зарурият оид ба гузаронидани ҳисоби иловагӣ вобаста ба даъвои гражданӣ, ки мавқуф гузоштани баррасии судиро талаб менамояд, суд, судя метавонад ҳуқуқи даъвогари гражданиро дар бораи қонеъ гардонидани даъвои гражданӣ эътироф намуда, масъалаи андозаи рӯёниши даъвои гражданиро ба тариқи пешбурди мурофиаи судии гражданӣ барои баррасӣ намудан ирсол намояд.  Дар чунин ҳолатҳо аризаи иловагии даъвогари гражданӣ талаб карда намешавад.

Дар сурати имконнопазирии муайян кардани миқдори аниқи маблағи талаби даъво ба даъвогари гражданӣ фаҳмонида мешавад, ки ӯ ҳуқуқ дорад, ба тариқи умумӣ бо даъвои гражданӣ ба суд мурочиат намояд.

Ҳангоми баровардани ҳукми сафедкунанда ё қарор (таъинот) дар бораи қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ бо асосҳои пешбининамудаи бандҳои 1,2 қисми 1-и моддаи 27 КМҶ (мавҷуд набудани ҳодисаи ҷиноят, дар кирдори содиршуда мавҷуд набудани аломатҳои таркиби ҷиноят) суд, судя даъвои гражданиро рад менамояд.

Агар суд, судя масъалаи татбиқ намудани чораҳои дорои характери тиббӣ доштаро нисбати зараррасон мавриди баррасӣ қарор диҳад, даъвои гражданӣ бе баррасӣ мононда мешавад ва ин барои минбаъд пешниҳод ва баррасӣ намудани он ба тариқи пешбурди мурофиаи судии гражданӣ монеъ намегардад.

23. Ҳангоми рӯёнидани зарари аз тарафи ноболиғи аз синни 14 то 18 сола расонидашуда, дар сурате, агар охирин ягон гуна даромад ё дигар молу мулки барои барқарор кардани зарар кифоябударо надошта бошад, зарари расонидашуда пурра ё қисман бояд аз падару модар (фарзандхонон) ё парасторон, инчунин хонаи ятимон ва кӯдаконе, ки дар он номбурдагон таҳти назорат қарор доранд, рӯёнида шавад. Ҳамзамон, онҳо барои иштирок дар парванда ба сифати ҳамҷавобгарон ҷалб карда мешаванд.

24.Тибқи талаботи моддаи 354 КМҶ парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ аз ҷониби ҷабрдида ё намояндаи қонунии ӯ бо роҳи ба суд додани ариза дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан оғоз карда мешавад.

Аз ҳамин лаҳза шахси арзкунанда айбдоркунандаи хусусӣ дониста шуда, дорои тамоми ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои бо моддаҳои 42 ва 43 КМҶ пешбинишуда мегардад. Ҳамзамон, судя бояд аризаҳои чунин ҷабрдидаҳоро бо пуррагӣ омӯхта, ба ҳолатҳои беасос рад кардан аз қабули онҳо роҳ надиҳад.

25. Агар ҷабрдида дар сурати фавтидан, ё аз рӯи синну сол ё вазъи саломатӣ қобилияти изҳори иродаи худро надошта бошад, дар мурофиаи судии ҷиноятӣ намояндаи қонунӣ ё намояндаи ӯ ҳуқуқ доранд бо тартиби пешбининамудаи КМҶ дар айбдоркунии айбдоршаванда иштирок кунанд, оид ба парвандаи айбдоркунии хусусӣ бошад, дорои ҳуқуқи пешниҳод ва дастгирӣ кардани айбдоркунӣ ба муқобили шахси дахлдор мебошанд.

Ҷабрдида, намояндаи қонунӣ, ё намояндаи ӯ дар ҳар лаҳзаи мурофиаи судии ҷиноятӣ ҳуқуқ доранд аз айбдоркунӣ даст кашанд.

26. Аз рӯи парвандаи айбдоркунии хусусӣ, агар ариза нисбати шахсе пешниҳод гардад, ки дар бораи шахсияташ ҷабрдида маълумот надорад ё дар ин бора дар аризаи ӯ маълумот дарҷ нашудааст, он гоҳ судя қабули аризаро ба пешбурди худ рад намуда, онро ба мақомоти таҳқиқ ё тафтиш барои ҳалли масъала бобати оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ирсол менамояд, ки дар ин бора ба шахси арзкунанда хабар дода мешавад.

Аз рӯи парвандаҳо нисбати шахсони ҷиноятҳои пешбининамудаи моддаҳои 112,116,135,136, 156 қисмҳои 1 ва 2 КҶ-ро содир намуда (айбдоркуниии хусусӣ), ки прокурор оғоз намуда, бо тасдиқи хулосаи айбдоркунӣ ба суд фиристодааст, дар суд прокурор ҳамчун айбдоркунандаи давлатӣ ва ҷабрдида ҳамчун намояндаи тарафи айбдоркунӣ иштирок

менамоянд. Даст кашидани прокурор аз айбдоркунӣ шахси аз ҷиноят ҷабрдидаро аз ҳуқуқи дастгирӣ кардани айбдоркунӣ маҳрум намекунад.

27. Агар аз рӯи айбдоркунии хусусӣ тарафҳо дар бораи бастани созиши оштишавӣ изҳор намоянд, судя ҳуқуқ надорад қатъ кардани парвандаи ҷиноятиро рад намояд, ба истиснои ҳолатҳое ки дар қисми 3-и моддаи 24 КМҶ пешбинӣ шудаанд.

Дар сурате, агар аз рӯи парвандаи айбдоркунии хусусӣ фикру ақидаи ҷабрдидаи ноболиғ нисбати масъалаи оштишавӣ бо айбдоршаванда ва қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ бо фикру ақидаи намояндаи қонунии ӯ мувофиқат накунад, дар ин маврид парвандаи ҷиноятӣ наметавонад бо сабаби оштишавии тарафҳо қатъ карда шавад.

28. Бо назардошти муқаррароти қисми 3-и моддаи 357 КМҶ суде, ки ҳукм баровардааст ва нисбати он шикоят ё эътироз оварда шудааст, нусхаи онро (шикоят ё эътироз) ба ҷабрдида, намояндаи қонунӣ ва намояндаи ӯ, инчунин даъвогари гражданӣ ва намояндаи ӯ ирсол менамояд. Агар эътироз ё шикоят ба манфиати онҳо дахолат кунад, онҳоро огоҳ намуда, мефаҳмонад, ки онҳо ҳуқуқ доранд бо шикоят ё эътироз шинос шаванд ва ба таври хаттӣ эродҳои худро ба шикоят ё эътироз пешниҳод кунанд. Шахсони мазкур дар бораи рӯзи баррасии парванда аз ҷониби суди марҳилаи кассатсионӣ новобаста аз он ки дар мурофиаи судӣ иштирок кардаанд ё не огоҳ карда мешаванд. Дар сурате, агар суди марҳилаи кассатсионӣ дар бораи рӯз ва вақти баррасии парванда чунин шахсонро огоҳ накарда бошад, мурофиаи судӣ бояд мавқуф гузошта шавад.

29.Ҳангоми ворид шудани шикояти кассатсионии ҷабрдида (намояндаи қонунӣ, намояндаи ӯ) суди марҳилаи кассатсионӣ қонунӣ ва асоснок будани санадҳои қабулнамудаи судиро аз рӯи парвандаи ҷиноятӣ мавриди санҷиш қарор дода, ба ваҷҳҳои дар шикоят оварда новобаста аз он ки бо кадом асосҳо қарори судиро тағйир медиҳад ё бекор мекунад, бояд баҳои ҳуқуқӣ диҳад. Бекор кардани ҳукм бо сабаби зарурати татбиқи қонун дар бораи ҷинояти вазнинтар ё сабукии ҷазо, инчунин бекор кардани ҳукми сафедкунанда ҳангоми мавҷуд набудани эътирози кассатсионии прокурор танҳо дар ҳолате сурат мегирад, ки агар ҷабрдида ё намояндаи қонунӣ, намояндаи ӯ шикояти кассатсиониро маҳз бо ҳамин асосҳо пешниҳод карда бошанд. Агар ҷабрдида ё намояндаи қонунӣ, намояндаи ӯ нисбати ҳукм шикоятро бо дигар асосҳо пешниҳод намуда бошанд, он гоҳ суди марҳилаи кассатсионӣ ҳуқуқ надорад вазъи маҳкумшудаҳро бадтар созад ё ин ки ҳукми сафедкунандаро бекор кунад.

30. Ҳангоми баррасии парвандаи ҷиноятӣ судҳои марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратиро зарур аст, ки аз ҷониби мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва судҳои марҳилаҳои якум ва кассатсионӣ дуруст татбиқ гардидани қонунгузорие, ки иштироки ҷабрдидаро дар пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ ба танзим медарорад амиқ санҷида, нисбати вайронкунии қонун чораҳои зарурӣ андешиданд.

Агар ҳангоми баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ риоя накардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд, инчунин риоя накардани муқаррароти қонун, ки зимни пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, баррасии судӣ роҳ дода шудаанд, ошкор карда шаванд, суд, судя ҳуқуқ доранд нисбат ба онҳое, ки ба камбудӣ роҳ додаанд, таъиноти (қарори) хусусӣ баророванд.

31. Бо қабул гардидани Қарори мазкур Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 1995 таҳти № 7 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба татбиқи қонунгузорие, ки иштироки ҷабрдидаро дар мурофиаи судӣ ба танзим медарорад» аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Н.Абдуллоев**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М. Саидов**